# ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 038, КИ ДАР НАЗДИ МДТ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ТАЪСИС ЁФТААСТ БАРОИ ДАРЁФТИ УНВОНИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 9

қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 29 июни с. 2019., №28

Оид ба додани унвони илмии номзади илмҳои тиб ба Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

Диссертатсия дар мавзӯи: «Арзёбии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактери пилори дар бемориҳои меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-бемориҳои дарунӣ барои ҳимоя 27.03. с.2019 (протоколи №14), аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди МТД «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139), ки бо фармоиши КОА назди Президенти ҶТ №21 аз 31.01.2018 тасдиқ ва 28.09.2018 г. №96 тағйирот ворид гардидааст, қабул шуд.

Унвонҷӯ Хайриддин Хоҷи Рамазон, соли 1982 таваллуд шудааст. Дар вазифаи ректори Донишгоҳи Хаким Саноӣ, ш Мазори Шариф, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи бемориҳои дарунии №1 МТД «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шокиров Юсуфҷон Аҳмедович - доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи бемориҳои дарунии №1 МТД «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»

**Муқарризони расмӣ:**

1. Азимзода Саодат Мустафо - доктори илмҳои тиб, директори МД «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология»-и ҶТ.
2. Раҷабова Назира Иброҳимовна - доктори илмҳои тиб, директори ҶДММ Маркази тиббӣ-эстетикии «Ёсуман», ш. Душанбе.

**Муассисаи такриздиҳанда:** Муассисаи таълимии давлатии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**Муассисаи такриздиҳанда:** Муассисаи таълимии давлатии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Дар тақризи мусбати худ, бо имзои номзади илмҳои тиб Рафиева Халима Шариповна, нишон дода шудааст, ки кори диссертатситонии Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон аз ҷиҳати мубрамии мавзӯъ, ҳаҷми таҳқиқот, сатҳи методӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда, ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26-уми ноябри соли 2016, №505, ки барои диссертатсияи номзади илми тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – бемориҳои дарунӣ пешбинӣ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Унвонҷӯ 13 таълифоти нашршуда дорад, аз ҷумла вобаста ба мавзӯи рисола 10 таълифот дорад, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда - 3 мақола, ҳаҷми умумии варақҳои чопӣ 1,13 саҳифа аст, саҳми муаллиф дар ин самт 70% мебошад.

Таълифоти муҳимтар оид ба мавзӯи рисола:

1. Хайриддин Х.Р. Клинико-эндоскопические особенности язвенной болезни желудка и 12-перстной кишки / Х.Р. Хайриддин, Ю.А. Шокиров, С.С. Джалилов // Ж. «Вестник педагогического университета». -2015. -№2(63-1). С.125-129.

2. Хайриддин Х.Р. Комплексная оценка клинических, невротических, эндоскопических проявлений язвенной болезни желудка и двенадцатиперстной кишки / Х.Р. Хайриддин, Ю.А. Шокиров, С.С. Джалилов, М. Джумаев // Ж. «Вестник Авиценны». -2016. -№1. -С.48-52.

3. Хайриддин Х.Р. Результаты комплексного лечения хеликобактер пилори ассоциированных форм язвенной болезни желудка и 12-перстной кишки у жителей области Мазари Шариф Исламской Республики Афганистан / Х.Р.

Хайриддин, Ю.А. Шокиров, С.С. Джалилов// Ж. «Вестник Авиценны».-2017.-№3.-С. 299-302.

Дар корҳои нашршуда масъалаҳои муҳими имрӯза дар фаҳмиши омилҳои хатар, ташхис, клиника, тағиротҳои эндоскопӣ бемории захми меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон инъикос ёфтаанд.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шуданд, аз:

- Доктори иилмҳои тиб, мудири кафедраи таълимии асосҳои бемориҳои дарунии Саидов Ё.У. – эрод нест.
- Номзади илмҳои тиб, мудири шуъбаи эндоскопияи МД Маркази миллии тиббии ҶТ «Шифобахш» Абдурахмонов А.И. – эрод нест.

Ҳамаи тақризҳо мусбатанд. Дар онҳо мубрамият, навгонӣ, аҳамияти таҳқиқот зикр шудааст. Эрод дида нашуд. Инчунин гуфта шудааст, ки кори диссертатсионии Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазона ба ихтисоси 14.01.04 – бемориҳои дарунӣ дуруст меояд ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба унвони номзади илмҳои тиб арзанда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси он пайдо гардид, ки онҳо дар соҳаи бемориҳои дарунӣ ва махсусан дар гастроэнтерология корҳои илмӣ доранд ва ин соҳаҳоро пешбар мекунанд. Дар ҳамин асос баҳои худро нисбати колри диссертатсионӣ дода метавонанд.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти аз тарафи унвонҷӯй иҷрошуда:

**коркард шуд,** меъёрҳои таҳқиқоти клиникӣ, эндоскопӣ, бактериологии микдори зиёди беморон, ки натиҷаи он имконият медиҳад ташхиси саривақтии муфассали саривақтии клиникии ташхис дар ашхоси ҷавони аҳолии маҳаллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузошта шавад.

**пешниҳод карда шуд** омӯзиши хусусиятҳои клиникӣ-эндоскопии бемориҳои заминавӣ, басомади рефлюкс эзофагит, гастродуоденити музмин дар беморони гирифтори захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта;

**исбот карда шудааст** самаранокии олии хатти аввали тарҳи табобати эррадикатсионӣ ҳангоми захми меъда бо осебҳои захмии «ягона», «сершумор» дар синну соли ҷавонӣ назар ба гурӯҳи ашхоси калонсол Табобати намудҳои махсуси осебҳои захмӣ,навъҳои захми«доирашакл», захми «пептикӣ», ки асосан ба шакли музмин мегузаранд, камтаъсир буд.

**ворид карда шуд,** ки нуктаҳои назариявии пешниҳодшуда имкониятҳои хулосаҳои ташхисиро дар хусуси вазнинии бемории захми меъда беҳтар месозанд, маълумотҳои адабиёти илмиро дар бораи хусусиятҳои регионалии бемории захми меъда дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мукамммал месозанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз ин иборат аст:**

**тасдиқ шуд** басомад ва хусусиятҳои симптоматологияи клиникӣ, эндоскопии манзараи бемории захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар аҳолии маҳаллии вилояти Мазори Шариф, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

**дар проблематикаи диссертатсия** истифодаи комплекси усулҳои базавии мавҷуда, таҳқиқотҳои клиникӣ ва инструменталӣ ва таҳлил, ки дар табобат ва ташхиси функционалӣ ба кор бурда мешаванд;

**муайян карда шуд** омилҳои хатари бемории захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар дар аҳолии маҳаллии вилояти Мазори Шариф, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо хусусиятҳои ғизо, иқлимӣ-географӣ, шароити маишӣ, сигоркашӣ ва носкашӣ, басомади олии H. pylori инвазия;

**ошкор шуд** интенсивии зуҳуроти аломатҳои клиникии бемории захми меъда дар минтақа. Бештари вақтҳо шаклҳои вазнини бемории захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта бо синдроми возеҳи дард ва ихтилолҳои диспептикӣ ба назар мерасад;

**омӯхта шуд** сохтор, басомад, хусусиятҳои клиникӣ-эндоскопии ҷараёни бемории захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар аҳолии маҳаллии вилояти Мазори Шариф, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқот барои амалия бо инҳо тасдиқ мешавад:**

**тахия ва ворид шуд** натиҷаи таҳқиқотҳои клиникӣ, эндоскопӣ, бактериологии микдори зиёди беморон бори нахуст симптоматологияи клиникӣ, аломатҳои эндоскопии осеби захмӣ, басомади хеликобактерпилори – шакли захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта дар аҳолии маҳаллии вилояти Мазори Шариф, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон татбиқ шуд.

**муайян шуд** мавҷудияти H. Pylori дар миқдори зиёди беморони захми меъда ва рӯдаи 12 ангушта нишон дода шуд;

**тартиб шуд** самаранокии табобати эррадикатсионии сеҷузъии бемории захмии алоқаманд бо шакли хеликобактер пилори бо таъйини кларитромитсин, амоксатсилин дар якҷоягӣ бо ингибитори кашандаи протонӣ - омепразол хеле пурнатиҷа мебошанд исбот карда шуд;

**намоиш дода шуд** комплекси тавсияҳои амалӣ оид ба гузаронидани корҳои санитарӣ-маърифатӣ дар байни аҳолии маҳаллии вилояти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пешниҳод карда шуд.

**Арзёбии боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот:**

**назария дар асоси** маълумотҳои таҳқиқоти комплексии клиникӣ, эндоскопӣ, бактериологӣбун ёд шуда, имкон медиҳад ки аз мавқеи муосир ташхиси муфассал шарҳ дода шавад, вазнинии ҷараёни беморӣ, пешгӯйӣ арзёбӣ шавад, стратегияи табобат дуруст интихоб шавад;

**идея дар асоси** маълумотҳои муқаррар кардани шаклҳои махсуси осебҳои решӣ сохта шудааст, ин имконият медиҳад, ки ин гурӯҳи беморон ба гурӯҳи махсуси хатари баланддоштаи оризаҳои гуногуни захми меъда дохил карда шавад.

**истифода карда шудааст** маълумотҳои оморӣ ва адабиётӣ дар кори диссертатсионии олимони ҷаҳон (Федератсияи Руссия, Европа, Олмон) ва хусусиятҳои минтақави ошкор карда шуд.

**муайян шудааст** таҳқиқоти пешниҳодшудаи эпидемиологӣ аз ҷониби муаллифони муосир (Blasser M.J., соли1999; Циммерман Я.С., соли 2007.; Мироҷов Г.К., Саторов С.С., соли 2008.; Абдуллоев Х.С., соли 2011) ба вобастагии муайяни ченакҳои этно-экологии паҳншавии

хеликобактер пилори (H. Pylori) Минтақаҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки бо шароити этно-ҷуғрофӣ, тарзи ғизохӯрӣ, табоҳшавии вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, хонаводагӣ ва сифати экологии зиндагӣ вобаста ба ҷанги шаҳрвандии тӯлкашида фарқ мекунад, проблемаҳои бисёре аз патологияи қисми болоии узвҳои ҳозима норавшан ва ба қадри кофӣ таҳқиқнашуда боқӣ мемонад.

**истифода шуд** таҳлили омории мавод дар компютер ба воситаи барномаи «Statistica 6.0» (Stat Soft, ИМА) гузаронида шуд. Қиматҳои миёнаи нишондиҳандаҳои мутлақ (М) ва иштибоҳҳои стандартӣ (± м), ва нишондиҳандаҳои нисбӣ (Р, %) ҳисоб карда шуданд. Муқоисаи биёрии қиматҳои мутлақи таҳқиқоти мустақил, бо Н-меъёри Крускалл-Уоллис (ANOVA), муқоисаи ҷуфтӣ - оид ба меъёри U-Манн Уитни гузаронида шуд. Меъёри -қиматҳои нисбии мустақил аз тарафи Фишер бо φ-меъёр, ва арзишҳои нисбии вобаста бо меъёри χ2 муқоиса карда шуд. Фарзияи сифрӣ ҳангоми р <0,05 будан рад карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** Муаллиф мавзӯи таҳқиқоти илмиро мустақилона интихоб намуда, мақсад ва вазифаҳоро мушаххас кардааст. Таҳлили мавод оид ба мавзӯи рисола, ҷамъоварӣ ва систематизатсияи маводи аввалияи клиникӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва табобати статсионарӣ, коркарди дизайни рисола, мустақилона гузаронидани таҳқиқоти клиникӣ ва усулҳои функсионалии таҳқиқот, муоинаҳои динамикии ин категорияи беморон, коркарди омории мавод ва навиштани рисола, шахсан аз тарафи муаллиф анҷом дода шудаанд.

Дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ 29 июни соли 2019 шӯрои диссертатсионӣ қарор қабул кард, ки ба Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дараҷаи номзади илмҳои тиб дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани тартиби овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ иборат буд аз 15 нафар, ки 4 нафар доктори илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – бемориҳои дарунӣ. Дар ҷаласа аз 19 нафар аъзоёни

шӯрои диссертатсионӣ, чунин овоз доданд: «тарафдор» -15, «зид»- нест, «бюллетенҳои беэътибор»- нест.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ доктори илмҳои тиб** **Саидов Ёр Умарович**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои тиб** **Ҷамолова Рухшона Ҷалолидиновна**

**29.06.с.2019**